Тақризи

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Мирзозода Сулаймон Мадислом дар мавзуи “Захираи растаниҳои шаҳддори минтақаи Кӯлоб, ҳифз ва истифодаи оқилонаи онҳо”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060718 – Ботаника пешниҳод шудааст**

Муҳиммияти мавзуи интихобнамудаи Мирзозода Сулаймон Мадислом зарур ва мубрам мебошад, зеро дар байни гуногунии биологии олами наботот, растаниҳои шаҳддор аҳаммияти калон доранд ва манбаи ғизои занбӯри асал мебошанд. Ин гурӯҳи растаниҳо манбаи асосии ба даст овардани маҳсулоти соҳаи асалпарварӣ буда, дар самтҳои гуногуни хоҷагии халқ васеъ истифода мешаванд.

Мирзозода Сулаймон Мадислом 17-августи соли 1989 дар шаҳри Кӯлоб, маҳаллаи Сайдалӣ Ведизода хонаи №337 таваллуд шудааст, миллаташ тоҷик, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ӯ таҳсилоти миёнаро дар гимназияи давлатии “Боғи ҳабиб”- и ноҳияи Муъминобод анҷом додааст. Соли 2007 ба факултети химия ва биологияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дохил шуда, онро соли 2012 аз рӯйи ихтисоси омӯзгори биология - химия бомуваффақият хатм намудааст.

Солҳои 2012-2016 ҳамчун омӯзгори гимназияи давлатии “Боғи ҳабиб”- и ноҳияи Муъминобод фаъолияти кориашро оғоз намудааст.

Аз соли 2017 то имрӯз ҳамчун саромӯзгори кафедраи биология ва методикаи таълими он дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб фаъолият дорад. Аз оғози кори илмӣ диққати ӯро масъалаҳои бо маводи озуқа таъмин намудани аҳолӣ ҷалб намудааст. Аз ин рӯ, ба омӯзиши захираи растаниҳои шаҳддори минтақаи Кӯлоб, ҳифз ва истифодаи оқилонаи онҳо,ки барои Тоҷикистон мавзуи мубрам мебошад, корҳои илмӣ -

таҳқиқотиро оғоз намуд. Дар давраи иҷрои корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ ва омода намудани рисола, равиши методологии аз тарафи Мирзозода Сулаймон Мадислом истифодашуда ва натиҷаҳои дар асоси он бадастомада барои дарки масъалаи захираи растаниҳои шаҳддори минтақаи Кӯлоб, ҳифз ва истифодаи оқилонаи онҳо имконият дод. Усулҳои омӯзиши муқоисавии ҳамаҷонибаи популятсияҳои растаниҳои шаҳддиҳандаи худрӯй ва киштшавандаи минтақа гузаронида шуд, ки татбиқи худро дар соҳаи хоҷагии қишлоқи минтақаи Кӯлоб ва хоҷагиҳои хусусии мамлакат ҳамчун маводи илмӣ истифода бурда шавад.

Кори диссертатсионии Мирзозода Сулаймон Мадислом аз 5-боб,11-зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсия асоснок карда шуда,дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ таҳлили мавзеъҳои растаниҳои шаҳддиҳанда, маълумотҳои дақиқ оид ба асосҳои биологӣ, таркиби намудҳо, вақти гулкунӣ, хусусияти паҳншавӣ ва миқдори иштироки онҳо дар фитосенозҳои асосӣ, барои таҳия намудани асосҳои илмӣ оид ба пешгӯӣ ва идоракунии захираҳои биологии растаниҳои шаҳддиҳанда, муҳофизат ва такрористеҳсолкунии онҳо маълумот дода шудааст.

Дар боби якум дар асоси таҳлили шумораи зиёди адабиёти ватанию хориҷӣ муфассал чунин масъалаҳо, ба монанди: гуногунии биологии растаниҳои шаҳддиҳанда ва аҳаммияти экологию иқтисодии онҳо, захираи растаниҳои шаҳддиҳанда ва ҳосилнокии шаҳди онҳо ва алоқамандии ҳаёти занбӯри асал дар минтақаи Кӯлоб маълумот оварда шудаанд.

Дар боби дуюм, тавсифи шароити физикӣ – географии минтақаи Кӯлоб дар робита бо паҳншавии растаниҳои шаҳддор,объект ва усулҳои таҳқиқот омӯхта шудааст.

Дар боби сеюм, таҳлили таркиби намуди растаниҳои шаҳддор ва паҳншавии онҳо,омӯзиши хусусиятҳои биоэкологии растаниҳои шаҳддори минтақаи Кӯлоб маълумотҳои илмӣ баҳогузорӣ шудааст.

Дар боби чорум, масъалаи барқарор кардан ва истифодаи устувори захираи растаниҳои шаҳддор,ҳифзи гуногунии биологии растаниҳои шаҳддор баррасӣ шудааст.

Боби панҷум, баррасии натиҷаҳои таҳқиқот мебошад.

Диссертатсияи Мирзозода Сулаймон Мадислом кори пурарзиши илмии баанҷомрасида буда, навгонии муҳимме мебошад. Истифодаи усулҳои муосири таҳқиқи захираи растаниҳои шаҳддори минтақаи Кӯлоб, ҳифз ва истифодаи оқилонаи онҳо масъалаи хеле нозуку мураккаб буда, аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ӯ мутахассиси соҳаи худ гардидааст.

Дар асоси натиҷаҳои диссертатсия 1 дастури методӣ ва 11 мақолаю фишурдаҳо нашр гардида, аз ҷумла 3-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

Дар баробари иҷрои корҳои илмӣ Мирзозода Сулаймон Мадислом ҳамчун саромӯзгори кафедраи биология ва методикаи таълими он дар корҳои таълимӣ ва ҷамъиятӣ фаъолона иштирок намудааст.

Мирзозода Сулаймон Мадислом худро ҳамчун педагоги хуб дар байни донишҷӯён муаррифӣ намудааст. Дарсҳои назариявӣ ва амалии худро аз курсҳои умумии ботаника дар сатҳи хуби илмӣ-методӣ мегузаронад. Ӯ корманди меҳнатдӯст, бовиҷдон ва нисбати худ серталаб буда,байни донишҷӯён ва ҳамкорон соҳиби обруй ва ҳурмат мебошад.

Хулоса, диссертатсияи Мирзозода Сулаймон Мадислом дар мавзуи "Захираи растаниҳои шаҳддори минтақаи Кӯлоб, ҳифз ва истифодаи оқилонаи онҳо"кори баанҷомрасида буда, ба талаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории

диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060718 – Ботаника барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ**: Мадаминов Абдулло Асракулович
номзади илмҳои биологӣ,
дотсент, ходими пешбари
илмии Институти ботаника,
физиология ва генетикаи растании АМИТ

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,
ноҳияи И.Сомонӣ, кучаи Карамов 32, ҳуҷраи 2,9
Тел:(+992) 904187174

Имзои Мадаминов Абдулло Асракуловичро
тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси Институти ботаника,
физиология ва генетикаи растании АМИТ Н.Умарова